# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мубрам будани мавзуи пажуҳиш аз ҷониби унвонҷӯ чунин асоснок гардидааст,** ки дар шароити муосири рушди давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқии миллӣ бо чандин омилҳои бунёдӣ асоснок мегардад, ки онҳо ҳам хусусияти назариявӣ ва ҳам амалии муҳим доранд.

Пеш аз ҳама, дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва таҳкими арзишҳои конститутсионӣ, масъалаи уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муҳими иҷрои вазифаҳои шаҳрвандӣ аҳаммияти хос пайдо менамояд. Ин падида на танҳо ҳамчун институти ҳуқуқӣ, балки ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-сиёсӣ баромад намуда, сатҳи шуури ҳуқуқӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва омодагии ҷомеаро барои ҳифзи истиқлол ва тамомияти арзии давлат инъикос менамояд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи амиқи моҳият, мазмун ва хусусиятҳои уҳдадории ҳарбӣ дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ зарурати илмӣ дорад.

Даъвати ҳарбӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти давлат муқаррар карда шуда, ҳангоми иҷрои он ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои шаҳрвандони уҳдадор бештар ва ё маҳдуд карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки айни замон механизмҳои таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар дар таҳаввулот қарор дорад. Тамоюли ҷаҳонии қатъи даъвати ҳарбӣ дар замони осоишта, ки бо тағйироти ҷомеаи муосир алоқаманд аст, мушкилоти демографӣ ва афзоиши зарари иқтисодӣ аз даъвати шаҳрвандони соҳибихтисос дар кишварҳои пешрафта, таҳкими аҳаммияти арзишҳои умумиинсонӣ, ҳуқуқ ва

озодиҳои инсон, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилоти сиёсии истифодаи даъватшавандагон дар мунокишаҳои ҳарбӣ ва хусусияти мунокишаҳои ҳарбӣ дастгирии дахлдори ҳуқуқӣ ва асоснокии консептуалиро талаб мекунад.

Ба таъкиди унвонҷӯ, институти уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи ислоҳоти тадриҷӣ ва мунтазамро аз сар мегузаронад. Ин, пеш аз ҳама, дар тағйир додани шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Навовариҳои аз ҳама намоён ва бунёдӣ дар ин самт, ҷорӣ намудани хизмати алтернативии шаҳрвандӣ (сафарбаркунӣ) буда, ҳамзамон, ҷалби шахсони маълумоти олидоштаро дар бар мегирад. Ин тағйирот дар тартиби адои хизмати ҳарбӣ, дар навбати худ, ба қоидаҳои тартиби бақайдгирии ҳарбӣ ва даъвати ҳарбӣ таъсир расонида, ифодагари он аст, ки давлат пайваста кӯшиш менамояд, то шаклҳои нави иҷрои уҳдадории ҳарбиро инкишоф дода, самаранокии шаклҳои мавҷударо беҳтар намояд. Аз мушкилоти назариявию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бархӯрди манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар хизмати ҳарбӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи кунунии ташаккули давлати миллӣ омӯзиши таърихӣ ва ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ муҳим буда, барои ислоҳоти минбаъдаи он пешниҳод ва тавсияҳои дахлдор зарур мебошад.

Муҳаққиқ мавзуи уҳдадории ҳарбиро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, мафҳуми ҳуқуқи хизмати ҳарбӣ ва уҳдадории ҳарбиро ба маънои субъективӣ ва объективӣ манзур ва нақши онро дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муҳим арзёбӣ намудааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

Мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ дар зарурати таҳқиқи амиқи назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, такмили заминаҳои илмии он, таҳияи пешниҳодҳои амалии самаранок барои такмили

қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи татбиқи он дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Муминзода Маҳмадшариф Нозим соли 2020 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва соли 2022 зинаи магистратураи факултети мазкурро хатм намудааст.

Аз соли 2021 то ҳол дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳайси ассистент фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф Нозим аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби якум «Принсипҳо ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумхурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Боби мазкур хусусиятии бунёдӣ дошта, пояи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва идоракунии тамоми низоми хизмати ҳарбиро муайян менамояд. Он на танҳо меъёрҳоро муқаррар мекунад, балки фалсафаи ҳуқуқии муносибати давлат ва шаҳрвандро дар соҳаи мудофиа инъикос менамояд.

Боби дуюми диссертатсия «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии уҳдадории ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз ду зербоб иборат буда, марҳилаи муҳимми таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад, зеро он аз доираи шарҳи меъёрҳои умумӣ гузашта, масъалаи татбиқи воқеии уҳдадории ҳарбиро дар заминаи эҳтиром ва кафолати

ҳуқуқу озодиҳои инсон баррасӣ мекунад. Агар дар боби якум заминаҳои конститутсионӣ ва принсипҳои умумӣ муайян гардида бошанд, дар ин ҷо масъалаи тавозуни манфиатҳои давлат ва шахсият мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳлили муқоисавии ухдадориҳои низомӣ ва нақши ватандӯстӣ дар иҷрои ухдадории ҳарбӣ» ном дошта, аз 2 зербоб иборат буда, хусусияти назариявӣ-муқоисавӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дошта, таҳқиқро аз доираи низоми миллӣ берун мебарад ва онро дар заминаи таҷрибаи дигар давлатҳо ва омилҳои маънавию мафкуравӣ арзёбӣ менамояд. Агар бобҳои якуму дуюм асосҳои ҳуқуқӣ ва амалии ухдадории ҳарбиро баррасӣ карда бошанд, боби сеюм масъалаи самаранокӣ, намунаҳои гуногуни танзим ва нақши ангезаҳои ватандӯстиро таҳлил мекунад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии ухдадории ҳарбӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор

гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** узви вобастаи АМИТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.

Имзои Насриддинзода Э.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«06» 02 2026 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj